УДК-331
ББК-65.9(5т)24
Н 44

# ИДОРАКУНӢ ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

***Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич*** *- докторанти PhD кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров,*

# УПРАВЛЕНИЕ И СТИМУЛИРОВАНИЕ ТРУДОВОГО ПОТЕНЦИАЛА В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

***Негматов Шукруллохон Лутфуллоевич*** *- докторант PhD кафедры управления экономикой и маркетинга ХГУ имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд)*

# MANAGEMENT AND STIMULATION OF LABOUR POTENTIAL IN SUPPLEMENT OF REGIONAL ECONOMY PROSPERITY

***Negmatov Shukrullokhon Lutfulloevich*** *-(Phd) Doctoral student of the department of economic management and marketing under the SEI «KhSU named after academician B.G.Gafurov» (Tajikistan Republic, Khujand);*

***Вожаҳои калидӣ:*** *идоракунӣ, иқтидори меҳнатӣ, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, механизми ҳавасмандгардонии меҳнат, тақсимоти шумораи кормандон, музди миёнаи меҳнат*

*Мақола дар мавзӯи хусусияти идоракунӣ ва ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти иқтисодӣ баҳри он амалӣ мешавад, баҳс мекунад. Қайд карда мешавад, ки идоракунӣ ва ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ яке аз фаъолиятҳои мақсаднок, ки тағйироти сохторию иқтисодии дар ҷараёни ислоҳоти бозор рухдода шуда ба хусусияти ташаккули низоми ҳавасмандгардонии меҳнат таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Дар асоси омори солонаи вилояти Суғд (2020) кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки динамикаи ҳаҷми ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сари соли 2020 (бо фоиз аз кормандони як моҳи пурра кор карда) муайян карда шавад.Дар натиҷаи таҳлил муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки механизми идоракунӣ ва ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ - маҷмӯи шаклҳо, воситаҳо, унсурҳое, ки тавассути онҳо нархҳо, қарз, талабот, муомилоти пулӣ истифода мешаванд, дар асоси ин назария пешниҳод карда шавад.*

***Ключевые слова:*** *менеджмент, трудовые ресурсы, социально-экономические показатели, механизм стимулирования труда, распределение работников, средняя заработная плата.*

*В статье рассматривается особенности управления и стимулирования трудового потенциала в регионах Согдийской области Республики Таджикистан, в которых осуществляется хозяйственная деятельность. Отмечается, что управление и стимулирование трудового потенциала является одним из целевых направлений деятельности, поскольку структурные и экономические изменения в процессе рыночных реформ существенно влияют на черты системы стимулирования труда.*

*На основе годовой статистики Согдийской области (2020 г.) предпринимаются попытки определить динамику объемов стимулирования трудового потенциала в регионах Республики Таджикистан на 2020 г. (в процентах от штатных сотрудников). В результате анализа, автор приходит к выводу, что на основе данной теории можно предложить механизм управления и стимулирования трудового потенциала - совокупность форм, средств, элементов, посредством которых основываются цены, кредит, спрос, денежное обращение.*

***Key words:*** *management, labour potential, socio-economic indicators, labor incentive mechanism, number of employees` distribution, average wages.*

*The article under consideration dwells on the topic of peculiarity of management and stimulation of labour potential in the regions of Sughd viloyat under Tajikistan Republic in which economic activity being carried out as well. It is underscored that management and stimulation of labour potential is considered to be one of the targeted activities that of structural and economic changes taken place in the process of market reforms possessing a significant impact on peculiarity of the system of labour incentives, upon the whole.*

*Proceeding from the statistical annual of Sughd viloyat (2020) the author makes an endeavour to determine the dynamics of volume of labour potential stimulation in the regions of Tajikistan Republic for 2020 (as a percentage of full-time employees). Adducing the results of the analysis the author of the article comes to the conclusion that the mechanism of management and stimulation of labour potential being a set of forms, means, elements those ones through it prices, credit, demand, money circulation is proposed on the basis of the relevant theory.*

Хусусияти идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин ангезаҳо, ба монанди ҳавасмандгардонӣ ба фаъолият, ба амале, ки ба қонеъ кардани эҳтиёҷоти субъектҳо, ба он чизе, ки фаъолияти иқтисодӣ баҳри он амалӣ мешавад, муайян карда мешавад.

Идоракунии ва ҳавасмандгардонӣ иқтидори меҳнатӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ин фаъолияти мақсаднок, ки бо ангезаҳои рафтори субъектҳои иқтисодӣ инъикос меёбад, аз ҷиҳати моддӣ-ашёии аслан табиати биологии меҳнат муқаррар карда мешавад. Тағйироти сохторӣ ва иқтисодӣ, ки дар ҷараёниислоҳоти бозор рӯй медиҳанд, ба хусусияти ташаккули низоми ҳавасмандгардонии меҳнат таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Механизми идоракунии ва ҳавасмандгардонӣ иқтидори меҳнатӣ - маҷмӯи шаклҳо, воситаҳо, унсурҳое мебошад, ки тавассути онҳо нархҳо, қарз, талабот ва пешниҳод, муомилоти пулӣ истифода мешаванд, бо ёрии онҳо миқдори хароҷоти иловагӣ ва натиҷаҳои меҳнат, аз як тараф ва подоши (ҳавасмандгардонии муқаррарӣ), аз тарафи дигар бо ҳам қиёс карда мешаванд.

Чунин ҳавасмандкунии иқтидори меҳнатӣ ғайримустақими меҳнат (якҷоя бо дигар воситаҳои ҳавасмандгардонӣ) боиси ба муомилот ҷалб шудани маҷмӯи пурра - имкониятҳои нисбат ба ҳавасмандгардонии мустақими меҳнат васеътар мегардад. Ин гуна ҳаллу фасл шудани масъалаи ҳавасмандгардонии меҳнат тибқи консепсия - кӯшиши муваффақи истифода намудани омили инсонӣ дар истеҳсолот мебошад.

Танзими идоракунии ва ҳавасмандгардонӣ иқтидори меҳнатӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд роҳи омехтакунии усулҳои кӯҳна ва нави ҳавасмандгардонии меҳнат ба роҳ монда шавад.

Ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ ба таври табиӣ ба механизми иқтисодии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисоди бозорӣ дохил карда шудааст. Ҳамчун ҷузъи механизми иқтисодии бозор ҳавасмандгардонии меҳнат бо тамоми унсурҳои он ҳамкорӣ менамояд, ба онҳо хусусиятҳои ҳавасмандгардониро мебахшад. Вобаста ба ин, ҳавасмандгардонии меҳнат ҳамчун вазифаи тамоми механизми иқтисодӣ баромад мекунад.

Принсипҳои асосии идоракунии ва ҳавасмандгардонӣ иқтидори меҳнатӣ чунин бошанд:

• музди кормандон дар ҳаҷме, ки миқдор ва сифати меҳнат, инчунин натиҷаи кори корхона ва коллективро бояд воқеан инъикос карда шавад;

• ба корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар заминаи шаклҳои гуногуни моликият фаъолият мекунанд, мустақилияти пурра дар масъалаи пардохти меҳнат пешниҳод карда шавад;

• танзими давлатии андозаи пардохти меҳнати ҳадди аққал ҳатто барои тахассуси пасттарин барои такрористеҳсоли муқаррарии қувваи корӣ, новобаста аз шакли моликияте, ки дар он фаъолият мекунанд, ба роҳ монда шавад.

Таъсири бозор ба ҳавасмандгардонии меҳнати корхонаҳо ва ташкилотҳо дар он зоҳир мешавад, ки дар шароити рақобат онҳо ногузир барои зиёд кардани даромад ва кам кардани хароҷот кӯшиш хоҳанд кард. Ноил шудан ба чунин ҳадаф танҳо дар заминаи истеҳсолоти баланд самаранок имконпазир аст. Ин имкон медиҳад, ки андозаи пардохти меҳнатро дар механизми ҳавасмандгардонии меҳнат ҳамчун унсури асосӣ баррасӣ карда шавад[1].

---

[1] *Қонун "Дар бораи иттифоқҳои касаба" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, мод.611).Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-уми июни соли 2011, № 492 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, моддаи 524 ) қабул гардидааст.Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз21-уми июли соли 2011, № 205 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, моддаи 628 ) ҷонибдорӣ гардидааст.*

Дар вилояти Сугд дастуруламали тартиби сабтиномкунии маълумотии созишномаҳ ои соҳави ( тарифи ), минтақави ва шартномаҳои коллективи қабул карда шудааст.

Ин ҷараён бо иштироки комиссияи тарафҳои тартиб дода мешавад.[1] Дар бораи тасдиқи ҳайати Комиссияи тарафҳои созишномаи минтақавӣ оиди танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар вилоят Мутобиқи моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ», моддаҳои 6,11,13,14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ» ва Низомномаи Комиссияи сетарафаи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар асоси созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ низомнома қабул шудааст[2].

Маълум аст, ки тақсимоти шумораи кормандон аз рӯи ҳаҷми ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ ҳисобшуда дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, гарчанде ночиз бошанд. ҳам, лекин тафовут доранд, ки ин тафовут дар зер оварда шудааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Динамикаи ҳаҷми ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сари соли 2020 (бо фоиз аз кормандони як моҳи пурра коркарда)

| Минтақа | Кормандоне, ки як моҳи пурра кор кардаанд (%) | Аз ҷумла кормандоне, ки пардохти меҳнат ба андозаи: % ҳисоб карда шудааст пардохти меҳнат ба андозаи: (%) | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | аз 1250 сомонӣ паст | аз 1250 то 3750 сомонӣ | аз 3750 то 6250 сомонӣ | зиёда аз 6250 сомонӣ |
| Ҷумҳурӣ | 100,0 | 84,3 | 14,0 | 1,3 | 0,4 |
| ш. Душанбе | 100,0 | 74,0 | 21,3 | 2,7 | 2,0 |
| ВМБК | 100,0 | 87,8 | 11,5 | 0,5 | 0,2 |
| Вилояти Суғд | 100,0 | 85,2 | 12,7 | 1,6 | 0,5 |
| Вилояти Хатлон | 100,0 | 88,7 | 10,8 | 0,4 | 0,1 |
| НТМ | 100,0 | 86,2 | 13,00 | 0,7 | 0,1 |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд - 2020 С.- 11.*

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки фарқияти ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо мавҷуд аст, аз ҷумла барои кормандоне, ки беш аз 6250 сомонӣ пардохти меҳнат мегиранд, дар шаҳри Душанбе нисбат ба минтақаҳо аз 5 то 8,5 маротиба зиёдтар (2% ва 0,4. 0,5. 0,1. 0,1%). Ин шаҳодат медиҳад, ки мутаносибан идоракунии иқтидори меҳнатӣва ҳавасмандгардонӣ дар шаҳри Душанбе аз сатҳи умумӣ нисбат ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-8 маротиба зиёдтар аст.

Механизми идоракунии ва ҳавасмандгардонӣ иқтидори меҳнатӣ инчунин ҳамаи шаклҳоро нисбат ба коллективҳо дар бар мегирад (фонди ҳавасмандгардонии моддӣ, фондҳои махсуси мукофотпулӣ, нишондиҳандаҳои ташаккулдиҳанда, андозаи фонд, меъёркунӣ вамеъёрҳои ҳаволакунии маблағҳо ба ин фондҳо).

Механизми ҳавасмандгардонии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар вилояти Суғд, ба монанди тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад:

• истифодаи фонди идоракунии иқтидори меҳнатӣ;

• кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ

Дар асоси гуфтаҳои боло хулосаи зеринро баровардан мумкин аст:

• даромад, талабот, манфиатдорӣ асоси воқеии ҳавасмандгардонии меҳнат мебошанд.

• механизми ҳавасмандгардонии меҳнат бо муносибатҳое, ки пеш аз ҳама, дар ҷараёни истеҳсолот инкишоф меёбанд, вобаста аст;

• муносибатҳои ҳавасмандгардонии меҳнат бо муносибатҳои моликият ва меҳнат муайян карда мешаванд;

---

[2] *Қонун "Дар бораи иттифоқҳои касаба"Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, мод.611 ).Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-уми июни соли 2011, № 492 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, моддаи 524 ) қабул гардидааст.Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз21-уми июли соли 2011, № 205 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, моддаи 628 ) ҷонибдорӣ гардидааст.*

• шароити ташаккули механизми ҳавасмандгардонии меҳнат самтҳои асосии такмили онро муайян менамояд, ки онҳо тамоми унсурҳои онро фаро мегиранд;

• дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҳар як шакли моликият ба шакл ва усулҳои пардохти меҳнат мувофиқат мекунад.

Ба идоракунии ва ҳавасмандгардонӣ иқтидори меҳнатӣ қонуни қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳо» мусоидат мекунад, ки дар моддаи 9, қисмҳои 2 ва 3 он «дар бораи шаклҳо, низом ва андозаи пардохти меҳнат, инчунин шароити ҳавасмандгардонии моддӣ, ки аз ҷониби худи корхона дар мувофиқа бо соҳибмулк дар доираи муқарраркардаи қонунгузории амалкунанда” зикр шудааст.

Дар моддаи 10 қисми 2 муқаррарот дар бораи ҳавасмандгардонии меҳнатӣ муайян карда шудааст: “Корхона метавонад мустақилона барои кормандони худ рухсатии иловагӣ, рӯзи кӯтоҳшуда ё имтиёзҳои дигарро муқаррар кунад, инчунин ба корманди ташкилотҳое, ки ба коллективи меҳнатӣ хизмат мерасонанд ва ба корхона дохил намешаванд, мукофот диҳад”.

Моддаҳои дар боло зикршуд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ механизми ҳавасмандгардонии меҳнатро асоснок мекунанд ва дар қисми охири моддаи 10 дар бораи ҳавасмандгардонии кормандон гуфта шудааст.

Фарқияти пардохти меҳнат аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти минтақа бузург аст, ки ин сабаби номутаносибии сохторӣ дар пешниҳоди сармояи инсонӣ дар бозор мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар 2019 сол музди миёнаи меҳнат дар вилояти Суғд 1182,69 сомониро ташкил дод[1]. Сатҳи пардохти меҳнати сармояи инсонӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти вилояти Суғд дар ҷадвали зер инъикос карда шудааст.

Чӣ тавре, ки аз маълумоти ҷадвал дида мешавад,ки идоракунии ва ҳавасмандгардонӣ иқтидори меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо ба ҳисоби миёна дар маҷмӯъ дар тамоми кишвар паст мебошад, балки дар муқоиса бо чунин соҳаҳо, ба монанди соҳаи саноат, сохтмон ва нақлиёт, хеле паст аст.

Ҷадвали 2.

Музди миёнаи иқтидори меҳнатӣ кормандон дар бахшҳои иқтисоди вилояти Суғд. (сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Ҳамагӣ аз рӯи [2]намудҳои фаъолияти иқтисодӣ | 552,82 | 645,72 | 696,80 | 774,23 | 1012,87 | 1072,28 | 1182,69 |
| Саноат (истихроҷ) | 1536,94 | 1628,34 | 1879,41 | 2169,78 | 2477,12 | 2649,46 | 2870,42 |
| Кишоварзӣ | 225,40 | 244,59 | 242,17 | 274,94 | 531,85 | 544,43 | 584,26 |
| Нақлиёт | 859,44 | 997,69 | 1026,79 | 1145,75 | 1367,86 | 1216,56 | 1418,89 |
| Сохтмон | 1347,85 | 1859,00 | 1899,03 | 1766,79 | 1442,22 | 1570,43 | 1664,2 |

*Манбаъ: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд - 2020 С.-99.*

Сатҳи баландтарини пардохти иқтидори меҳнатӣ сармояи инсонӣ дар соҳаи нақлиёт мушоҳида мешавад. Далели тасаллибахш он аст, ки дар давраи баррасишаванда сатҳи умумии пардохти меҳнат аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ тамоюл ба афзоиш дошт.

Аз ҷумла, агар дар 2015 сол сатҳи миёнаи пардохти меҳнати кормандон дар вилояти Суғд 552,82 сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2019 ин нишондиҳанда то 1182,69 сомонӣ дар як моҳ афзудааст (ҷадвали 2). Дар маҷмӯъ, дар 2019 сол дар муқоиса бо 2015 сол ин нишондиҳанда ба 2,13 маротиба афзудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки: якум, дар сохтори даромади қисми асосии аҳолӣ даромади меҳнатӣ тақрибан 60% (58,7%) ва даромад аз моликият, даромади хоҷагиҳои ёрирасонӣ шахсӣ ва даромади дигар камтар аз 40% -ро ташкил медиҳад.

Дуюм, таносуби манбаъҳои даромад низ тағйир ёфт, агар дар 1998 сол даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар даромади умумӣ зиёда аз 40% (40,6%) -ро ташкил дода бошад, пас то соли 2017 он ба 5,3% коҳиш ёфт, аз ин бармеояд, ки ҳиссаи пардохти меҳнат ва ҳавасмандгардонӣ дар даромади умумии аҳолии вилоят ва Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд мешавад, нақш ва аҳамияти пардохти меҳнат, маош ва ҳавасмандкунӣ дар иқтисодиёт меафзояд.

[1] *Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.- 2020. - 11.*

Дар асоси назария механизми идоракунии ва ҳавасмандгардонӣ иқтидори меҳнатӣ пешниҳод карда мешавад.

Хамин тавр, ба сифати меъёрҳои омодагӣ ба фаъолияти мустақилона дар фаъолияти иқтисодӣ ва рушди ҳавасмандии меҳнатии кормандони корхонаҳои иқтисодии минтақа, мо пешниҳод мекунем, ки онҳо ба се гурӯҳ тақсим арда шаванд:- ҳиссаи гурӯҳи якум дар ҷомеаи воқеии муосир аз рӯи натиҷаҳои тадқиқоти мо одатан аз 25-30% шумораи умумии коргарон зиёд нест. Намояндагони гурӯҳи мазкур дорои ҳавасмандии инкишофёфтаи меҳнатӣ бо бартарияти калони ангезаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-шахсӣ мебошанд. Қисми асосии кормандони ин гурӯҳ ба меҳнати муштараки соҳибмулк самтгузорӣ шудааст. Онҳо ба зиёдшавии мустақилият ва масъулияти худ тавассути истифодаи шаклҳои худмаблағгузории хурди ташкили меҳнат ва хоҷагидорӣ омодаанд;- барои гурӯҳи дуюм аломати асосии қисми зиёди кормандони корхонаҳо ин самтгузорӣ ба меҳнати асосан фармоишӣ, аслан дар моҳият меҳнати кироя бо худдорӣ аз иштирок дар идоракунӣ мебошад;- ба гурӯҳи сеюм низоми нисбатан кам инкишофёфтаи ҳавасмандгардонӣ ба меҳнат хос мебошад.


## АДАБИЁТ

1. Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.- 2020. – С.11.
2. Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд - 2020 С.-99.
3. Қонун “Дар бораи иттифоқҳои касаба” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, мод.611).Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-уми июни соли 2011, № 492 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, моддаи 524 ) қабул гардидааст.Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз21-уми июли соли 2011, № 205 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, моддаи 628 ) ҷонибдорӣ гардидааст.
4. Исмоилов М.М. Особенности институциональных изменений в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан //Номаи донишгох (силсилаи фанхои табиатшиноси ва иктисоди), №2 (57),2021.-С.185-192

## LITERATURE

1. Statistical Annual of Sughd Viloyat. Central Managerial Office of the Statistical Agency under Tajikistan Republic President in Sughd Viloyat.- 2020. – p. 11.
2. Statistical Annual of Sughd Viloyat. Central Managerial Office of the Statistical Agency under Tajikistan Republic President in Sughd Viloyat.- 2020. – p. 99.
3. Tajikistan Republic Law “On Trade Unions” (Tidings of Majlisi Oli of Tajikistan Republic, 2011, №7-8, art. 611). Ratified by RT Majlisi Oli (upper chamber of the National Council) Majlisi Namoyandagon enactment dated June 22, 2011, № 492 (Tidings of Majlisi Oli of Tajikistan Republic, 2011, №6, art. 524). Enactment of Majlisi Milli of the Supreme Court of Tajikistan Republic from July 21, 2011, № 205 (Tidings of Majlisi Oli of Tajikistan Republic, 2011, №7-8, art. 628).
4. Ismoilov M.M. Peculiarities of Institutional Changes in the Agrarian Sector of Economy of Tajikistan Republic // Scientific Notes of the SEI “KhSU named after acad. B. Gafurov. Series of Natural and Economical Sciences. #2 (57). – 2021. – P. 185 – 192.